## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълими «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик - таҳқиқи рӯзгору осор ва вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар насри форсу тоҷики асри XII бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ қароргирифта аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошад: якум ин ки хонанда аз рӯзгор ва мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII огоҳии комил пайдо мекунад; дувум ин ки дар бораи нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва аҳаммияти онҳо дар тасҳеҳу матншиносии ашъори суханварони қарнҳои IX-XII маълумоти комил ба даст меорад.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия перомуни дар қарни XII баробари анвои мухталифи наср ривоҷ ёфтани тарассул ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ баҳс намуда, қарни мазкурро дар қиёс бо асрҳои қаблӣ аҳди ривоҷи насри форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла, тарассул ва номанигорӣ ва бартарӣ ёфтани номанигории форсӣ-тоҷикӣ бар номанигории арабӣ номзад кардааст. Аз таҳқиқоти муаллифи рисола равшан мегардад, ки насри давраи мавриди баҳс дигар содагию равонии насри давраи Сомониёнро надошт, балки насри форсии омезишёфта ба забони арабӣ буд. Тарки эҷоз ва таваҷҷуҳ ба итноб намудани нависандагону дабирон, корбурди зиёди луғоту таркиботи нав ва истилоҳоти тасаввуф, истифодаи зиёди оёту аҳодис, истишҳод намудани ашъори зиёди форсӣ ва арабӣ дар зимни наср аз ҷумлаи вижагиҳо ва мухтассоти сабки наср ва номаҳои қарни мазкур маҳсуб мешаванд. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки, мутаассифона, то ҳол рӯзгору осор ва, махсусан, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар адабиётшиносии форсу тоҷик ба қадри боиста омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, ба доираи таҳқиқ кашидани рӯзгор ва осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, муайян намудани осори мафқуду мавҷуди суханвар ва муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ, вижагиҳои адабиву

услубӣ, матншиносию нусхашиносӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ин суханвари ориф дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, махсусан, насри қарни XII яке аз мавзуъҳои муҳимму саривақтӣ мебошад. Мубрамии мавзуи таҳқиқро маҳз ҳамин нуктаи меҳварӣ, яъне баррасии вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ, нусхашиносии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар насри форсу тоҷики асри XII ташкил медиҳад.

Арзиши дигари таҳқиқи диссертатсионӣ дар он аст, ки муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳои илмию адабӣ ва нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои маъруфи хориҷӣ вижагиҳои адабиву услубӣ, сабк ва шеваи хоси нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадониро дар қиёс бо номаҳои қуруни қаблӣ ва аҳди Салҷуқиён муайян сохта, аҳаммияти «Номаҳо»-и ӯро ҳамчун сарчашмаи беназир ва мунҳасир ба фард дар шинохти ашъори худи суханвар, ҳамчунин чанд тан адибону орифон таъкид намудааст. Бар замми ин, дар бобҳои сеюм ва чоруми рисола ба тафсил дар бораи фарқи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз номаҳои қуруни қаблӣ, забон ва шеваи хоси «Номаҳо»-и ӯ, касрати корбурди калимаю ибораҳои арабӣ ва истилоҳоти ирфонӣ, назари суханвар ба шеър, андешаҳои ахлоқию тарбиявӣ, мафҳуми ишқ, дифоъ аз Иблис, истифодаи зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузот, ҳамчунин хатоҳои матншиносии нашри «Номаҳо»-и Айнулқузот, мансубияти ашъори истишҳодшуда, аҳаммияти «Номаҳо»-и суханвар дар тасҳеҳи ашъори устод Рудакӣ, Фирдавсию Саноӣ, Воизи Сарахсӣ, Носири Хусрав ва ғ. баҳс намудааст, ки арзиши зиёди илмӣ доранд. Нуктаҳои зикргардида ва дигар масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назарии рисоларо афзун намудаанд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар таърихи адабиёти тоҷик зиндагинома ва мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимод мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, ихтилофи андешаҳое, ки дар мавриди рӯзгор ва осори ӯ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷой доштанд, ҳаллу фасл гардидааст. Ҳамчунин, бори аввал дар таърихи адабиёти тоҷик вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври алоҳида ва муфассал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, аҳаммияти «Номаҳо»-и ӯ ҳамчун сарчашмаи беназир дар шинохти ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузот, матншиносӣ ва тасҳеҳу нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони асрҳои IX-XII баён шудааст. Маводи дар доираи диссертатсия таҳлилшударо метавон ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, адабиёти тасаввуф, матншиносию нусхашиносӣ ва ҳамчунин

таҳияи луғатномаҳои тафсирӣ ва ирфонӣ истифода бурд. Тавсияҳои амалии аз ҷониби диссертант пешниҳодшуда ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти қарнҳои XI-XII, вижагиҳои адабии насри асрҳои мазкур, таърих ва назарияи номанигории форсу тоҷик ва мухтассоти номаҳои аҳди Салҷуқиён, омӯзиш ва таҳқиқи амиқи осори дигари Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ба монанди «Тамҳидот», «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб» ва нашри илмию интиқодии «Номаҳо»-и суханвар судманд мебошанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонанд ба омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии номаҳои суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ, ҳамчунин таҳқиқи паҳлуҳои номакшуфи мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мусоидат намоянд.

Хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон ба таври васеъ ҳангоми таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва докторӣ, китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, таърих ва назарияи номанигорӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанҳои матншиносӣ, нусхашиносӣ, сарчашмашиносӣ ва ғ. дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсияи доктории Зоиров Ҳ. ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Маълум мешавад, ки диссертатсияи мазкур ҳосили омӯзиш ва таҳқиқи бистсолаи муҳаққиқ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст ва дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар таълифи рисола саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён буда, мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муаллиф пурра ҳаллу фасл гардидаанд. Аз нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои илмии ҳосилгардида маълум мешавад, ки муаллифи рисола аз ҷараёни таҳқиқи ин мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 1 монография ва 65 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 24 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллифи рисола ва теъдоди маводи чопшудаи ӯ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ ба таври муфассал зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи рисолаи диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Солеҳов Мирзо Одинаевич**– доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Қурбонзода Рухшона Қурбон** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- **Ашурова Нодира Ҷумаевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Ғаффорова У.А.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Нуров Н.Н.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Насриддинов Ф.А.

«18» марти с.2024